# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ Шербоев Саидбой - доктори илмҳои педагогӣ, профессор ба диссертатсияи Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович, ки дар мавзӯи “Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) таълиф шудааст.

**Мубрамияти таҳқиқот.** Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти сиёсии худро ба даст оварда, дар роҳи таҳкими арзишҳои демократӣ ба ислоҳоти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ рӯй овардааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи Мирзоев Ш.С. ба тахқиқи яке аз масъалаи мубрам – хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути истифода аз васоити компютерӣ бахшида шудааст. Ҳаллу фасли проблемаи мазкур айни замон, дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёт, дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва коллективҳои омӯзгорон талаботу вазифаҳои наву ҷиддӣ гузошта, боз ҳам аҳамияти баландро касб карда истодааст, зеро муваффақият ва комёбиву дастовардҳо дар тарбияи насли муосир ба фаъолияти самарабахши онҳо вобастагии қавӣ дорад.

Масъалаи дастгирӣ ё худ истифодаи васоити компютерӣ ва ё дигаргунсозии таҷрибавӣ, таҳлил ва ташкили проблемаҳои копютеркунонӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи муосир қарор дошта, яке аз вазифаҳои марказии педагогикаи навин ба шумор меравад, ки ин дар заминаҳои таърихӣ – ворид шудан ба асри XXI дар шароити тағйирёбии куллии ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, яъне тамоили умумии истифодаи самараноки дастгоҳҳои мултимедӣ, муайян карда мешавад. Дар робита ба ин, таҳсилот, ҳамчун самти афзалиятнок, бо фарҳанги ҷомеа алоқаманд буда, шарт ва зарур аст, ки ҳалли проблемаи компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ тезонида шуда, омӯзиши наврасон ва ҷавонон дар ин самт тақвият ва танзим дода шавад. Аз ин

лиҳоз, дар иртибот ба гуфтаҳои боло, мавзӯи диссертатсияи номзадии Мирзоев Шухрат Саидаҳмадович муҳим, айни муддао ва актуалӣ арзёбӣ карда мешавад.

Тибқи таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ, сарфи назар аз як силсила асарҳои бахшидашуда, ба пажӯҳиши истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ то ҳол таҳқиқоти бунёдӣ дар омӯзиши хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ, бахусус, дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути истифода аз васоити компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст.

Ҳамин тариқ, коркарди нокифояи илмии проблемаи мавриди баррасӣ қарордошта, диссертант Ш.С. Мирзоевро водор намудааст, ки мавзӯи “Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро ба сифати рисолаи илмӣ интихоб ва мавриди пажӯҳиш қарор диҳад.

Дар муқаддимаи кор унвонҷӯ мақсад, объект, предмет ва фарзияи корро дақиқ сохта, иҷрои вазифаҳоеро ба дӯш гирифта, дар ниҳояти пажӯҳиш комёб ҳам шудааст. Ҳамчунин, дар муқаддима навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии тадқиқот ба таври густарда баррасӣ шудааст, ки иштибоҳеро пеш намеорад.

Рисолаи илмии Мирзоев Ш.С. аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар қолаби 178 саҳифаи матни компютерӣ бо фарогири 5 диаграмма ва 11 ҷадвал таълиф шудааст.

Боби якуми диссертатсия - **«Хусусияти хоси таълими забони англисӣ дар давраи муосири рушди ҷомеа барои хонандагони хурдсол»** ба баррасиии хусусиятҳои хоси таълими забони англисӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

Бахши дуюми боби мазкур - *«Равияҳои салоҳиятмандии коммуникативӣ ва саводнокии иттилоотӣ дар таълими забони англисӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ»* фарогири баррасии моҳияту муҳтавои мақсади интегративии омӯзиши забони англисӣ бо хонандагони хурдсол дар ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Чунки дар иртибот бо шароитҳои таҳсилоти умумӣ омода сохтани талабагон ба омӯзиши забони англисӣ ба ташаккули салоҳияти коммуникативии онҳо, ки вобаста ба сатҳи таълим муайян мегардад, нигаронида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия - **«Таъмини истифодаи технологии дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ»** ба тавсифу баррасии роҳу усулҳои таъмини технологияи компютерӣ дар дарсҳои забони англисии синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

Бахши якуми боби дуюм «*Таҳияи барномаҳои компютерие, ки таълими забони англисиро дар синфҳои ибтидоӣ дастгирӣ мекунанд”* интихоб, ташкил ва хусусияти барномаҳои техникии компютерӣ (БТК) дар маҷмӯъ (гурӯҳҳои васеъ) дар мувофика бо барномаҳои мазкури шомили мақсадҳои интегративии таълим дар чаҳорчӯбаи муҳити иттилоотии таҳсилотӣ дар ҳудуди муҳити забони ғайрро муфассал фаро гирифтааст.

Муаллифи диссертатсия дар ин боб бо мақсади интихоби БТК таҳлили коршиносонро мавриди истифода қарор додааст. (Ба сифати коршиносон 7 муаллими забони англисӣ ва 4 муаллими информатика аз мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 1, 2, 3 ва 5-и ш.Кӯлоб, ки таҷрибаи беш аз 10-сола доранд, даъват карда шудаанд.) Ва зимни чунин таҳлил ба иштирокчиён оид ба хусусиятҳои хоси дастгирии компютерӣ дар синфҳои ибтидоӣ, оид ба донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳое, ки хонандагон дар раванди таълими забони англисӣ ҳосил мекунанд, иттилоъ дода шудаасту дар натиҷаи чунин таҳлил рейтинги барномаҳо таҳия карда шуда, БТК-и барои таълими забони англисӣ дар

муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ низ интихоб карда шудааст, ки мантиқан дурустанд.

Ниҳоят, дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар робита бо таълими он дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути истифода аз дастгоҳи компютерӣ диссертант ба хулосаву тавсияҳои методии мувофиқ омадааст.

Хулоса, Мирзоев Ш.С. баҳри муваффақона анҷом додани кор аз адабиёти сершумор истифода карда, диссертатсияро дар доираи пешниҳодоти хуби методиву супоришҳои системанок, ҳамчун як таҳқиқгари пурмасъулият, ба итмом расонидааст.

**Эътимоднокии нуктаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ** бо роҳи муносибати комил ба масъалаҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ ва таъсиси озмоишҳои таҷрибавӣ-санҷишӣ дар мавридҳои гуногун таъсис дода шуда, таъмин карда шудааст.

Натиҷаҳои дар кор инъикосёфта, ба ихтисоси диссертант ҷавобгӯй буда, мазмун ва муҳтавои автореферат, 9 мақолаи илмии дар нашрияҳои гуногун ба чоп расонидаи муаллиф ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштааш, ки дар кор баррасӣ шудаанд, пурра инъикос мекунанд.

Аммо, сарфи назар аз афзалиятҳояш, дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқтаҳо ба назар расидаанд, ки муаллиф метавонад онҳоро дар фаъолияти минбаъдаи илмии хеш ба эътибор гирад. Чунончи:

1. Дар унвони диссертатсия ба ҷойи “дастгирии компютерӣ” ибораи “истифода аз компютер” ифода мегардид, беҳтар мебуд.

2. Теъдоди диаграмма ва ҷадвалҳое, ки диссертант мураттаб намудааст, хеле зиёд асту сарчашмаи баъзеи онҳо нишон дода нашудааст.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат ҷо-ҷо ҷумлаҳои услубан носолим ва баъзе хатоҳои имлоиву пунктуатсионӣ назаррасанд.

4. Рӯйхати адабиёти истифодашуда баъзан мувофиқи талабот мураттаб нагардидааст.

Умед аст, ки унвонҷӯ дар атрофи эродҳои зикрёфта фикру андеша карда, онҳоро дар фаъолияти минбаъдаи илмиаш ислоҳ мекунад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

Ниҳоят, вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи мазкур дар мавзӯи «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он **Мирзоев Шухрат Саидаҳмадович** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода: Шербоев С.

Имзои профессор Шербоев Саидбойро
тасдиқ мекунам.
Мудири ШК ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода: Наҷмуддинов Ш.

Барои тамос: 734063, ш.Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 17/6
Тел.: + 992 37 232 5205 + 992 90 550 7778